# Конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ таҳти унвони «Вазъи забони давлатӣ дар фаъолияти ВАО-и кишвар»

Ношир: Ҳайати тадорукот Санаи интишор: 20 Июн, 2019 - 17:55
[1]

Воситаҳои ахбори омма дар баробари шоирону нависандагону забоншиносон, тарғибкунанда ва муаррификунандаи забони давлатии ҳар кишвар мебошанд. Дар Тоҷикистони мо низ забони воситаҳои ахбори омма забони давлатӣ, яъне, тоҷикист. Беғалат ва равшану возеҳ пахш ва чопи матолиби воситаҳои ахбор метавонад, ба инкишоф ва зебогии забон боис гардад ва сокинони кишварро ба дурусту бехато ҳарф задан тарғиб кунад. Аммо, чуноне имрӯз мушоҳида мешавад, на дар ҳамаи расонаҳои кишвар риояи қоидаҳои имлои забон ва содабёнӣ риоя мегардад. Сабаби ин риоя нагардиданҳо агар дар аксар маврид ноогоҳӣ аз қоидаҳои имлову оммавияти ВАО бошад, боз ҳаст ҳолатҳое, ки рӯзноманигорон қасдан ба ин ё он қоида чашм мепӯшанд.
Сиёсати давлатӣ дар бораи забон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бар асоси меъёрҳои байналмилалии баробарии забонҳо, новобаста аз мақоми ҳуқуқии онҳо ва шумораи мардуме, ки ба ин забонҳо гуфтугӯ мекунанд, амалӣ карда мешавад.
Барои ба ин ҳадафҳо расидан Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯзи 20-уми июни соли ҷорӣ дар толори Агентии миллии иттилоотии Тоҷикистон «Ховар» бо иштироки  олимону донишмандони намояндагони Ҳукумати кишвар, вазорату идораҳои давлатӣ, донишгоҳу донишкадаҳои олии кишвар, ҷамъиятҳо, Анҷумани Тоҷикон ва Форсизабонони ҷаҳон «Пайванд», намояндагони ВАО ва дигарон Конференсияи илмию амалии ҷумҳуриявӣ таҳти унвони «Вазъи забони давлатӣ дар фаъолияти ВАО-и кишвар»  бахшида ба Рӯзи Ваҳдати миллӣ, «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» ва 10-солагии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» баргузор кард.
Конференсияро бо сухани ифтитоҳӣ раиси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илми филология Гавҳар Шарофзода оғоз намуд.
Дар Конференсия 7 маърӯзаи илмӣ аз ҷониби мутахассисони бахшҳои гуногуни забоншиносӣ мавриди баррасӣ қарор гирифт. Аз ҷумла, дар мавзӯъҳои «Қоидаҳои имло танзимкунандаи шакли хаттии забони адабӣ»- муовини раиси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои филология Матробиён Саодатшо, «Матбуот оинаи забон» – узви вобастаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдулло Рӯдакии АИ ҶТ)–доктори илмҳои филология Сайфиддин Назарзода, «Баъзе ғалатбандӣ дар забони матбуот»–доктори илмҳои филология, устоди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Баҳриддин Камолидинов, «Вазъи забони матбуоти маҳаллӣ» – доктори илмҳои филология, устоди Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи Моёншо Назаршоев Назрӣ Офаридаев, «Устод Айнӣ ва забони зинда»  устоди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, профессор Кабиров Шаҳбоз, «Баъзе масъалаҳои матбуоти имрӯз» Сардабири маҷаллаи миллии адабии «Садои Шарқ»-номзади илмҳои филология Ваҳҳобзода Рустам, «Меъёрҳои адабӣ ва забони расонаҳои хабарӣ»–доктори илмҳои филология, профессор, мудири кафедраи забони тоҷикии ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино  Қосимов Олимҷон маърӯза намуданд.
Бояд қайд кард, ки муҳимтарин унсури таъинкунандаи як миллат забон аст ва он инчунин, муҳимтарин унсури вуҷуди як давлати миллӣ низ ҳаст. Забони тоҷикӣ ҷавҳари миллати моро ташкил медиҳад. Аз ин рӯ, воситаҳои ахбори омма ва умуман, аҳли ҷомеаро месозад, баҳри пешбурди сиёсати давлат оид ба забони давлатӣ ҳамчун забони миллӣ хизматҳои арзанда кард.
Дар интиҳо, пас аз баррасии фикру мулоҳизаҳо аз ҷониби ҳайати иштирокдорони Конференсия, бо дарназардошти рисолату мақоми таърихии забон, аҳамияти он дар ҳифзи асолати забони тоҷикӣ, рушду равнақ ва густариш додани меъёри забони адабӣ, риояи дурусти қоидаҳои имло дар коргузорӣ ва эҷоди аҳли илму адаб, ВАО ва баҳри рушду густариши он дар татбиқи сиёсати давлатӣ дар бораи забон, алалхусус, амалӣ намудани муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии

Тоҷикистон” ба кормандони ВАО: рӯзноманигорони матбуот ва шабакаҳои телевизиониву радиоӣ Тавсияномаи он қабул гардид.

**Баҳодиҳии муҳтаво:** 5

Баҳои миёна: 5 (2 овоз)

Rate

## Категория:

- Гузоришҳо [2]
- Ахбори рӯз [3]
- АМИТ «Ховар» [4]
- Забони тоҷикӣ [5]
- Конференсияҳо [6]
- Кумита [7]

[8]

- 

[9]

-

[10]

-

[11]

-

[12]

- 

[13]

- 

**Манбаъ::**https://kumitaizabon.tj/tg/content/konferensiyai-chumkhuriyavii-ilmiyu-amali-takhti-unvoni-vazi-zaboni-davlati-dar-faoliyati?p=355&page=49

**Пайвандҳо**
[1] https://kumitaizabon.tj/sites/default/files/field/image/20190620_091711.jpg [2] https://kumitaizabon.tj/tg/category/%D0%B3%D1%83%D0%B7%D0%BE%D1%80%D0%B8%D1%88%D2%B3%D0%BE [3] https://kumitaizabon.tj/tg/category/%D0%B0%D1%85%D0%B1%D0%BE%D1%80%D0%B8-%D1%80%D3%AF%D0%B7 [4] https://kumitaizabon.tj/tg/category/%D0%B0%D0%BC%D0%B8%D1%82-%C2%AB%D1%85%D0%BE%D0%B2%D0%B0%D1%80%C2%BB [5] https://kumitaizabon.tj/tg/category/%D0%B7%D0%B0%D0%B1%D0%BE%D0%BD%D0%B8-%D1%82%D0%BE%D2%B7%D0%B8%D0%BA%D3%A3 [6] https://kumitaizabon.tj/tg/category/%D0%BA%D0%BE%D0%BD%D1%84%D0%B5%D1%80%D0%B5%D0%BD%D1%81%D0%B8%D1%8F%D2%B3%D0%BE [7] https://kumitaizabon.tj/tg/category/%D0%BA%D1%83%D0%BC%D0%B8%D1%82%D0%B0 [8] https://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/20190620_091711.jpg [9] https://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/20190620_092405.jpg [10] https://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/20190620_092406.jpg [11] https://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/20190620_092616.jpg [12]

https://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/20190620_100944.jpg [13]
https://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/20190620_101137.jpg